аз 10.07.2017 №308

«Дар бораи тасдиқи Нақшаи кории дохили идоравии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2020, ҷиҳати амалисозии чорабиниҳо оид ба ҳуқуқӣ инсон, ки тибқи расмиёти Шарҳи универсалии даврӣ (даври дуюм) барои солҳои 2017-2020 бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7.06.2017, таҳти №АП-901 тасдиқ гардидааст»

Бо мақсади иҷрои банди 1 Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7.06.2017, таҳти №АП-901 «Оид ба ҳуқуқи инсон тибқи расмиёти Шарҳи универсалии даврӣ (даври дуюм) барои солҳои 2017-2020» мутобиқи банди 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Нақшаи чорабиниҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон тибқи расмиёти Шарҳи универсалии даврӣ (даври дуюм) барои солҳои 2017-2020 бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7.06.2017, таҳти №АП-901 тасдиқ карда шавад. (замима мегардад)

2. Сардорони раёсатҳои Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда шаванд, ки иҷрои бандҳои Нақшаи чорабиниҳои мазкурро ба пуррагӣ таъмин намуда, натиҷаи иҷрои онро пайваста ҷамъбаст ва то ҳафтаи якуми моҳи июл ва январи соли дахлдор ба Раёсати таъмини ҳуқуқӣ ахбороти хаттӣ пешниҳод намоянд.

3. Мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки дар заминаи Нақшаи дохили идоравии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2020, нақшаҳои кории дохили идоравии худро қабул ва тасдиқ намуда, иҷроиши онро таъмин намоянд.

4. Шӯъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ Фармоиши мазкурро ба Раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ ва мақомотҳои ҳудудии андоз дастрас намояд.

5. Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи сардорони Раёсатҳои таъмини ҳуқуқӣ Набиев Б.А. ва такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андоз Шодиён З. вогузор карда шавад.

Раис Н. Давлатзода

Замима ба Фармоиши Раиси Кумитаи андози
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «10» июли соли 2017, №308

НАҚШАИ КОРИИ
дохили идоравии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2020, ҷиҳати амалисозии чорабиниҳо оид ба ҳуқуқи инсон, ки тибқи расмиёти Шарҳи универсалии даврӣ (даври дуюм) барои солҳои 2017-2020 бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7.06.2017, таҳти №АП-901 тасдиқ гардидааст.

| № | Номгӯи тавсияҳо | Номгӯи чорабиниҳо | Иҷрокунандагон | Мӯҳлати иҷро | Пешниҳод и ҳисоботи пешакӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| **1** | Фаъолгардонии кӯшишҳо ҷиҳати фароҳам овардани шароити корӣ барои занон, ҷавонон ва маъюбон. | 1.Таҳияи механизми татбиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳуқуқ ба меҳнат аз ҷониби шахсони маъюб | Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Раёсати молиявию хоҷагидорӣ, мақомотҳои ҳудудии андоз. | соли 2018 | Моҳи июн январ |
| **2.** | Андешидани тадбирҳо ҷиҳати таҳкими сиёсати гендерӣ ва ҳифзи ҳуқуқӣ занон. | 1. Баргузор намудани давраҳои омӯзишӣ ва семинарҳо оид ба масъалаҳои гендерӣ барои кормандони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Маркази такмили ихтисос, Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, мақомотҳои ҳудудии андоз. | соли 2018 | Моҳи июн январ |
| **3.** | Мубориза бо шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон ва манъи меҳнати маҷбурӣ. | 1. Тақвият бахшидани назорати истифодаи меҳнати кӯдак дар доираи қонунгузорӣ ва барҳам додани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдак, истифодаи меҳнати маҷбурӣ.<br>2. Такмили механизми истифодаи меҳнати кӯдак дар Тоҷикистон.<br>3. Ташкил ва назорати иҷрои | Раёсати ташкили андозбандӣ, Раёсати хизматрасонӣ, Раёсати бақайдгирии андозсупорандагон<br>Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Раёсати таъмини ҳуқуқӣ, мақомотҳои | соли 2018-2020 | Моҳи июн январ, мунтазам |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | пурраи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2014, №690 | ҳудудии андоз. | | |
| **4.** | Баргузор намудани чорабиниҳои омӯзишӣ вобаста ба ҳуқуқи инсон ва ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ инсон. | 1. Гузаронидани мизҳои мудаввар бо иштироки кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва муассисаҳои таълимӣ<br>2. Гузаронидани чорабиниҳои иттилоотонӣ якҷоя бо воситаҳои ахбори омма. | Маркази такмили ихтисос, Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Раёсати таъмини ҳуқуқӣ, мақомотҳои ҳудудии андоз, Шуъбаи робита бо ВАО, Боҷу хироҷ. | соли 2017-2020 | Моҳи июн январ |
| **5.** | Мубориза бо камбизоатӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва некӯаҳволии аҳолӣ. | 1. Андешидани тадбирҳои ҷиддӣ ҷиҳати амалигардонии Барномаи миёнамӯҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 | Раёсати молиявию хоҷагидорӣ, мақомотҳои ҳудудии андоз. | соли 2020 | Моҳи июн январ |
| **6.** | Андешидани тадбирҳо ҷиҳати таъмини ҳуқуқ ба озодии эътиқод. | 1. Анҷом додани муколамаи байнидинӣ бо мақсади таҳкими таҳаммулпазирӣ<br>2. Амалӣ намудани чорабиниҳои маърифатӣ ва фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати таъмини ҳуқуқ ба озодии эътиқод.<br>3. Татбиқи барномаҳои омӯзишӣ баҳри роҳ надодан ба табъизу ҳуқуқпоймолкунӣ.<br>4. Истифодаи зарфияти ходимони дин дар пешгирии зӯроварӣ дар оила.<br>5. Таҳлили қонунгузории соҳавӣ. | Раёсати таъмини ҳуқуқӣ, Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Маркази такмили ихтисос, мақомотҳои ҳудудии андоз. | мунтазам | мунтазам |

аз 27.09.2017, №12856/11.1-д

Мақомоти ҳудудии андоз

Ба маълумоти Шумо расонида мешавад, ки дар асоси Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7.06.2017, таҳти №АП-901 «Оид ба ҳуқуқӣ инсон, ки тибқи расмиёти Шарҳи универсалии даврӣ (даври дуюм) барои солҳои 2017-2020» тасдиқ гардидааст, бо фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №308 Нақшаи чорабиниҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, мавриди иҷроиш қарор дорад.

Мутобиқи банди 3 фармоиши мазкур, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда шудаанд, ки дар заминаи Нақшаи дохилиидоравии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2020, нақшаи дохилиидоравии худро қабул ва тасдиқ намуда, оиди рафти иҷроиши он дар муҳлатҳои муқарраргардида, ба Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андоз ахбороти хаттӣ пешниҳод намоянд.

Аз ин лиҳоз, сардорони раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки иҷрои фармоиши дар боло зикргардидаро дар муҳлатҳои муайяншуда таъмин намоянд.

Шакли электронии фармоиш аз 10.07.2017, №308 ва «Нақшаи чорабиниҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2020», дар сомонаи электронии Кумитаи андоз «andoz.tj» дар бахши «Қонунгузорӣ, фармоишҳои Кумитаи андоз» ҷойгир карда шудааст.

Раис Н. Давлатзода